Бо Фармоиши Директори Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 24.01 соли 2018 таҳти №10
тасдиқ карда шудааст.

## Дастурамали пур кардани шакли ҳисоботи омории № 1 - ФИ (солона) «Нишондиҳандаҳои намуди фаъолияти иқтисодии корхона» (ташкилот)

Корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва иттиҳодияҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, инчунин корхонаҳое, ки бо сармоягузории хориҷӣ фаъолият доранд, корхонаҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидор, ки ашхоси ҳуқуқӣ мебошанд, (ғайр аз муассисаҳои молиявӣ, суғуртавӣ ва буҷетӣ) шакли № 1-ФИ-ро пур мекунанд. Шакли мазкур умуман дар корхона (ҳамчунин дар воҳиди таъсисотӣ), аз ҷумла дар истеҳсолоти ёрирасон ва қисматҳое, ки дар баланси мустақил қарор доранд, пур карда мешавад.

Дар мавридҳое, ки воҳиди таъсисотӣ дар дохили корхона ба якчанд намуди фаъолият машғул аст, воҳидҳои аз рӯи намуди фаъолияти якхела, ки сех ё истеҳсолоти ҷудогона мебошанд ва дар бораи маҳсулот ва хароҷоти истеҳсолоти онҳо иттилооти зарурӣ мавҷуд аст, ҷудо карда мешаванд. Шакли № 1-ФИ дорои шаш фасл мебошад: ***«Маҳсулот (кору хизматрасонӣ)», «Хароҷотҳои ҷорӣ барои истеҳсолот ва фурӯши мол (бе арзиши ашёи фармоишгар)», «Ёрии пулӣ ва андозҳои вобаста ба фаъолияти ҷорӣ», «Захираҳои воситаҳои моддии гардон», «Шумораи кормандон», «Нишондиҳандаҳои намуди фаъолияти ғайриасосӣ (дуюмдараҷа) дар соли ҳисоботӣ».***

Дар фаслҳо ва сутунҳои шакли 1-ФИ маълумотҳои ҷамъбастии корхона ба таври умум ва ҷудогона сабт карда мешаванд. Намуди асосӣ ё ғайри асосӣ будани фаъолияти хоҷагиашро худи корхона (ташкилот), бо назардошти мансубият ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда (кору хизмати баҷоовардашуда) ва тақсимот мувофиқи таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ муайян мекунад.

***Асоси фасли I-уми*** шакли зикршуда ***«Маҳсулот (кору хизматрасонӣ)»*** нақшаи ҳисоби истеҳсоли ҷамъи маҳсулоти дар системаи ҳисобҳои миллӣ тавсияшуда мебошад, ки мувофиқи он истеҳсоли умумии мол ва иҷрои хизмат аз рӯи ҷамъи қисматҳои зерин ҳисоб карда мешавад:

- даромад аз фурӯши молҳо (кору хизматрасонӣ) (бе назардошти ААИ ва аксизҳо), аз он ҷумла «даромад аз фурӯши мол ба хориҷа»;
- молҳо (хизматрасонӣ), ки ба молу хизматрасонии дигар мубодила карда мешаванд;
- молҳо (хизматрасонӣ), ки ба кормандон ба ивази музди меҳнат дода шудааст;
- ройгон ё бо нархи аз ҷиҳати иқтисодӣ ночиз ба воҳидҳои таъсисотӣ додани мол (фарқи байни арзиши номиналӣ ва маблағи пардохти онҳо);
- маҳсулоте, ки дар дохили корхона истифода бурда шудааст, аз он ҷумла «маҳсулоте, ки бо усули хоҷагидорӣ истеҳсол карда шудааст (сохтмон, таъмири асосӣ, истеҳсоли дастгоҳ)»;
- тағйироти захираи маҳсулоти тайёр;
- тағйироти истеҳсолоти нотамом ва маҳсулоти нимтайёрӣ истеҳсоли худӣ;
- ҷамъи истеҳсоли маҳсулоти худӣ;
- даромад аз фурӯши молҳои харидашуда барои фурӯши дубора (бе назардошти ААИ ва аксизҳо)
- даромад аз фурӯши ашёи хом, мавод, маснуоти харид, сӯзишворӣ ва дигар маводҳои барои истеҳсолот харидашуда, ки бе коркард фурӯхта мешаванд;
- дигар даромадҳо.

***Дар сатри 01 «Даромад аз фурӯши молҳо (кору хизматрасонӣ)(бе назардошти ААИ ва аксизҳо), аз он ҷумла даромад аз фурӯши мол ба хориҷа, ки дар сатри 01-1 нишон дода шудааст»,*** сабт карда мешавад: даромад аз фурӯши маҳсулот ва молҳо, мадохилот аз иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ ва ба амал баровардани амалиёти хоҷагидорӣ, ки даромад аз намудҳои маъмули фаъолият мебошад ва корхона дар баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи шароити эътирофи санадҳои меъёрӣ ба эътибор гирифтааст.

***Дар сатри 02 «Молҳо (хизматрасонӣ), молу хизмат»*** маълумотҳо дар бораи арзиши молҳо ва хизмати бо дигар молу хизматрасонӣ мубодилашуда нишон дода мешавад.

***Дар сатри 03 «Молҳои (хизматрасонӣ) ба кормандон ба ивази музди меҳнат маҳсулот медиҳанд»*** маълумот дар бораи молу хизматҳое, ки корфармоён ба кормандони кироякори худ ба ивази музди меҳнат медиҳанд, аз ҷумла арзиши озуқавории истеҳсолкарда ва дигар молу хизматҳои ба кормандон пешниҳод кардаи корхона, ки барои истеъмолоти дохилӣ ё истеъмолоти дигар аъзоёни хоҷагии хонавода истифода мегарданд, инъикос карда мешавад.

***Дар сатри 04 «Ройгон додани маҳсулот»*** ба дигар воҳидҳои таъсисотӣ, ба таври хайрия додани маҳсулот дарҷ карда мешавад.

***Дар сатри 05 «Маҳсулоте, ки дар дохили корхона истифода шудааст»*** ба ҳисоби бозпардохти қарзҳо, пардохти фоизи қарзҳо, додани маҳсулот ва ғайра сабт карда мешаванд. Аз он ҷумла, маҳсулоте, ки бо усули хоҷагидорӣ истеҳсол карда шудааст (сохтмон, таъмири асосӣ ва истеҳсоли дастгоҳ), ки бо рамзи 05-1 ишора карда шудааст.

***Дар сатрҳои 06 ва 07 «Тағйироти захираҳои маҳсулоти тайёр», «Тағйироти истеҳсолоти нотамом ва маҳсулоти нимтайёри истеҳсоли худӣ»***, ки аз рӯи шакли «Тавозуни муҳосибавӣ» - и ҳисоботи солона муайян гардидааст, инъикос карда мешавад.

***Дар сатри 08 «Ҷамъи истеҳсоли маҳсулоти худӣ» (ҷамъи сатрҳои 01 то 07)*** сабт карда машавад.

***Дар сатри 09 «Даромад аз фурӯши молҳои харидашуда барои фурӯши дубора (бе назардошти ААИ ва аксизҳо)*** дарҷ гардидааст. Инчунин аз сатри 09 - арзиши моли бадастомада барои фурӯши дубора дар сатри 09-1 сабт карда шудааст.

***Дар сатри 10 «Даромад аз фурӯши ашёи хом, мавод, маснуоти харид, сӯзишворӣ ва дигар захираҳои барои истеҳсолот харидашуда, ки бе коркард фурӯхта мешавад»*** нишон дода мешаванд. Инчунин аз сатри 10 - арзиши бақияи захираҳои аз нав фурӯхташуда дар сатри 10 -1 сабт карда шудааст.

***Дар сатри 11 «Дигар даромадҳо»*** сабт карда мешаванд.

**Дар фасли II «Харочотҳои ҷорӣ барои истеҳсолот ва фурӯши мол (бе арзиши ашёи фармоишгар)»** маълумот дар бораи харочотҳои истеҳсоли маҳсулот (кору хизмат), ки ба тамоми ҳаҷми истеҳсолоти корхона (ташкилот) аз рӯи намудҳои фаъолияти асосӣ дар давраи ҳисоботӣ дахл дорад, дарҷ карда мешавад.

***Дар сатри 12 «Ашёи хом ва мавод (бе назардошти арзиши молҳои бозфурӯхташуда)»*** инъикос карда мешавад: арзиши ашёи хоми аз берун харидашуда, ки ба таркиби маҳсулоти истеҳсолшуда дохил мешаванд ва дар мавриди тайёр кардани маҳсулот асосӣ онро ташкил медиҳад; маводҳое, ки барои нигоҳдорӣ, истифода ва таъмири ҷории таҷҳизот заруранд, асбобу анҷоми ченкунанда, дастгоҳҳои лабараторӣ, ки ба фондҳои асосӣ дохил намешаванд, либосу пойафзоли корӣ, хӯрокҳои махсуси кормандон ва ашёи арзонбаҳо. Инчунин аз сатри 12 - арзиши молҳои бадастомада, ки барои тайёр намудани хӯрока ва нӯшокиҳо истифода бурда шудааст, дар сатри 12-1 нишон дода мешаванд.

***Дар сатри 13 «Қисмҳои такмилкунандаи маснуот ва маҳсулоти нимтайёри харидашуда(бе назардошти арзиши молҳои бозфурӯхташуда)»*** инъикос меёбанд: арзиши маводи харидашуда, ки дар рафти истеҳсоли маҳсулот барои таъмини раванди муътадили технологӣ, барои борпеч кардани маҳсулот ё маҳсулоти нимтайёр, ки эҳтиёҷоти истеҳсолию хоҷагӣ сарф мешаванд ва барои санҷишу назорати сифати маҳсулот истифода мегарданд.

***Дар сатри 14 «Сӯзишворӣ(бе назардошти арзиши молҳои аз нав фурӯхта шуда)»*** ҳамаи намудҳои сӯзишворӣ, ки дар истеҳсоли ҳамаи намуди барқ, барои гармидиҳӣ ва ғайра сарф карда мешаванд, инъикос меёбанд.

***Дар сатри 15 «Барқ»*** инъикос карда мешаванд: намудҳои барқ, ки барои корҳои технологӣ ва дигар эҳтиёҷоти истеҳсолию хоҷагии корхона сарф мешаванд, хароҷоти корхона барои истеҳсоли қувваи барқ ва дигар намудҳои барқ, хароҷотҳо барои трансформатсия ва интиқоли барқи харидашуда то ба маҳалли истеъмоли он.

***Дар сатри 16 «Музди меҳнат ва хизматрасонӣ, ки хусусияти истеҳсолӣ доранду ташкилотҳои беруна иҷро кардаанд»*** сабт карда мешаванд: пардохти музди хизмати нақлиёти ташкилотҳои беруна оид ба ҳамлу нақли бор дар дохили корхона, музди кашондани маҳсулот то истгоҳи интиқол, аз ҷониби ташкилотҳои беруна иҷро карда шудани амалиёти ҷудогона оид ба тайёр кардани маҳсулот, коркарди ашёи хом ва мавод, гузаронидани озмоиш барои муайян намудани сифати ашёи хом ва маводи истифодашаванда, таъмири воситаҳои асосӣ (бино ва иншоот, мошину дастгоҳҳо).

***Дар сатри 20 «Пардохти дигар хизматрасониҳо»*** сабт карда мешаванд: тадқиқоти илмӣ ва корҳои таҷрибавӣ, пардохти музди хизмати корхонаҳои алоқа, хизматрасонии иттиллотию ҳисоббарорӣ, посбонҳои гайриидоравӣ, агентиҳои рекламадеҳ ва ташкилотҳои аудиторӣ, нақлиёти мусофирбарӣ, фоиз аз рӯи қарзҳо, дигар хизматҳои бонкӣ, хоҷагиҳои коммуналӣ, фарҳанг, маориф, тандурустӣ ва муассисаҳои ҳуқуқӣ.

***Дар сатри 34 «Иҷорапулӣ»*** навишта мешавад: маблағе, ки истифодабарандаи моли асосӣ мувофиқи қарордод ба соҳибаш мепардозад (барои биноҳо ва иншоот, мошину дастгоҳҳо, инчунин барои замин).

***Дар сатри 38 «Хароҷоти намояндагӣ»*** хароҷоти қабули меҳмонони гуногун сабт карда мешавад.

***Дар сатри 39«Хароҷоти сафари хизматӣ»*** хароҷотҳои сафари хизматӣ нишон дода мешавад, ки аз он дар сатри 40 хароҷоти шабонарӯзӣ сабт карда мешавад.

***Дар сатри 41 «Фарсудашавии дороии гайримоддӣ»*** дарҷ карда мешавад: фарсоиши техникаи ҳисоббарор, ки барномаҳоро таъмин менамояд, асарҳои ғалатии жанрҳои шавқангез, инчунин дигар фондҳои асосии ғайримоддӣ, ки барои истифодаи зиёда аз яксол таъин шудааст**.**

***Дар сатри 42 «Фонди музди кори кормандони ҳайати дар рӯйхатбуда ва гайрирӯйхат бо пул ва маҳсулот»*** хароҷоти пардохти музди меҳнати кормандони асосии истеҳсолии корхона (ташкилот) бо пул ва маҳсулот, аз ҷумла музди мустақими кор, ҳамаи намудҳои мукофот ва инъом ба коргарону хизматчиён, пардохтҳои ҷубронпулӣ ва ҳавасмандкунӣ, пардохтҳои кафолатнок, вобаста ба тартиби кор ва шароити меҳнат мувофиқи қонунгузорӣ дар мавридҳои ҳозир нашудан ба кор (пардохти рухсатҳои ҳарсола ва рухсатҳои иловагӣ, ҷубронпулӣ барои истифода накардани рухсатии меҳнатӣ, пардохти музди рухсатии иловагӣ ба кормандон мувофиқи шартномаи коллективӣ, аз он ҷумла ба заноне, ки ба тарбияи кӯдакон машғуланд, пардохти музди бекористӣ ва пардохти музди истеҳсоли маҳсулоте (кору хизмат), ки на бо гуноҳи корманд ботил эътироф шудааст, ва ғайраро инъикос менамояд).

Ба хароҷоти музди меҳнат дохил карда намешаванд: даромадҳое, ки кормандон дар намуди маблағ аз рӯи саҳмия ва пасандози аъзои коллективи

меҳнатӣ дар амволи корхона ба пардохт ҳисоб карда шудаанд, (ҳаққи саҳму фоизҳо), кӯмакпулӣ аз рӯи суғуртаи иҷтимоӣ, пардохтҳои ҷубронпулӣ барои нон ва дигар маҳсулот, ки мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд, ҳаққи қалам, мукофотпулӣ барои ихтироот, таклифҳои ратсионализаторӣ, иловапулӣ ба нафақа ва дигар намудҳои пардохте, ки бевосита ба музди меҳнат вобастагӣ надоранд.

***Дар сатри 43 «Маблағҷудокунии ҳамаи намудҳои суғуртаи иҷтимоӣ ба фонди музди меҳнат»*** маълумот дар бораи маблағе, ки ба андозаи мувофиқи қонунгузории амалкунанда ҷудо кардашуда сабт карда мешавад.

***Дар сатри 44 «Ёрдампулии иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағи корхона»*** дарҷ карда мешавад: ёрдампулии иҷтимоӣ, ки аз ҳисоби маблағи корхона ба кормандони худ пардохта мешавад: ин ёрдампулӣ маблағест, ки корфармоён ба кормандони худ бевосита бе ҷалби тарафи сеюм, масалан, ширкати суғуртавӣ ё фонди иҷтимоӣ ҷудо кардаанд; ёрдампулӣ ба нисбати гум кардани қобилияти корӣ аз сабаби бардоштани ҷароҳати истеҳсолотӣ (подошти зараре, ки ба саломатии корманд дар вақти иҷрои вазифаи меҳнатӣ расидааст, ҷубронпулие, ки ба андозаи муқарраркардаи қонунгузорӣ ба заноне дода мешавад, ки то ба синни муқаррар кардаи қонун расидани кӯдак ба рухсатии тарбияи кӯдак баромадаанд, иловапулӣ ба нафака, ёрдампулии якваќта, ки ба нафақагирони собиқадори меҳнат дода мешавад, ёрдампулӣ ба сабаби аз вазифа озод шудани корманд ба нисбати барҳам хӯрдани корхона, ихтисор шудани шумораи кормандон ва ғайра).

***Дар сатри 45 «Фарсудашавии фондҳои асосӣ»*** навишта мешавад: маблағгузорӣ барои барқарроркунии фондҳои асосии истеҳсолӣ, бо назардошти фарсудашавии бошитоби қисматҳои дороиши онҳо, ки мувофиқи қонун пешбинӣ гардидааст, ҷудо карда шудааст.

***Дар сатри 46 «Маблағҷудокунӣ ба фондҳои ғайрибуҷетӣ»*** ва дар ***сатри 47 «Пардохтҳои суғуртавӣ»*** сабт карда мешавад: маблағҳои зерине, ки корхона ба андозаи муқарраркардаи қонунгузорӣ мепардозад:

- пардохт ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ;
- пардохт ба фонди шуғли аҳолӣ;
- пардохт ба фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ба дигар фондҳои иҷтимоии ғайрибуҷетӣ.

***Дар сатри 48 «Андозу пардохтҳое, ки ба арзиши аслии маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ)дохил карда мешаванд»*** сабт карда мешавад: маълумот дар бораи ҳар гуна андоз ва пардохтҳо, ки ба фаъолияти истеҳсолӣ ғайр аз андозҳои маҳсулот ва андозҳои даромад вобастаанд:

- андозҳои вобаста ба истеҳсоли мол ва хизматгузорӣ, ки корхона мепардозад;
- андозҳое, ки корхона барои истифодаи захираҳои меҳнатӣ мепардозад;
- андоз аз фурӯши сӯзишворӣ ва маводи молиданӣ;
- андоз аз воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ;
- андоз аз эълонҳо;
- андоз аз истифодакунандагони роҳҳои автомобигард;
- пардохтҳои маъмурӣ ва муҳрпулӣ.

***Дар сатри 49 «Дигар хароҷотҳое, ки ба арзиши аслӣ дохил мешаванд»*** ҳамаи дигар хароҷоте, ки ба хароҷотҳои дар боло зикршуда дохил нашудаанд, навишта мешаванд.

***Дар сатри 50 «Ҷамъи хароҷотҳо»*****(ҷамъи сатрҳои аз 12 то 16, 20, 34 38-39, 41 то 49)** дарҷ ёфтаанд, аз он хароҷоти таъмири асосӣ: биноҳо ва иншоот ва мошину дастгоҳҳо сабт карда машавад.

***Дар сатри 54 «Пардохт барои коркарди замин»*** сабт карда машавад.

***Дар сатри 55 «Хароҷот барои таҳқиқот ва коркардҳо»*** нишон дода шудааст.

***Дар сатри 56 «Хароҷот барои тайёркунии кадрҳо»*** дарҷ карда мешавад.

***Дар сатри 57 «Арзиши ашёи хоми фармоишгар»*** сабт карда мешавад.

***Дар фасли III «Ёрии пулӣ ва андозҳои вобаста ба фаъолияти ҷорӣ»*** пардохтҳои ройгони аз тарафи давлат додашуда ва маблағи андозҳои бастаашудаи давлат, сабт карда мешавад.

***Дар фасли IV «Захираҳои воситаҳои моддии гардон»*** захираҳои истеҳсолии корхона (ташкилот) дар оғоз ва охири сол аз рӯи намудҳои он сабт мешаванд.

***Дар фасли V «Шумораи кормандон»*** сабт карда мешавад. Шумораи миёнаи кормандон барои ҳисоб кардани музди меҳнат дар соли ҳисоботӣ, умумӣ ва аз онҳо, аз рӯи намуди фаъолияти асосӣ, дарҷ меёбанд.

***Дар фасли VI «Нишондиҳандаҳои намуди фаъолияти гайриасосӣ (дуюмдараҷа) дар соли ҳисоботӣ»,*** маълумот оид ба истеҳсоли маҳсулот (молҳо ва хизматрасониҳо, корҳо) бе назардошти ААИ, аксиз, хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот аз рӯи намуди фаъоляти ғайри асосӣ дарҷ карда мешавад.